# 8 Стратегияи маҳдудсозии партобҳои газҳои парникӣ ва беҳтар намудани вазъияти ҷазбкунандаҳои табиии карбон

## 8.1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

Барои иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба Конвенсияи Меъёрии СММ доир ба тағйирёбии иқлим (моддаҳои 4 ва 12-и КМ ТИ СММ) қабул шудааст, Ҳукумати Тоҷикистон таҳия, қабул ва иҷрои тадбирҳои ба ҳалли масъалаи партобҳои антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби газҳои парникӣ (ГП) тавассути ҷазбкунандаҳоро пешбинӣ менамояд.

Чунин тадбирҳо мутобиқи афзалиятҳои миллии дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои беҳтар кардани некуаҳволии аҳолӣ дар асоси рушди устувор ва беҳтарсозии инфраструктура ва амнияти экологӣ равона гардидаанд, таҳия шудаанд. Амалӣ намудани ин тадбирҳо вазифаи маҷмӯавии давлатӣ буда, фаъолияти ҳамоҳанги вазорату идораҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва маҳфилҳои ҷамъиятиро талаб менамояд.

<u>Мақсади стратегияи маҳдудсозӣ</u> таҳияи тадбирҳои кам кардани партобҳои ГП дар бахшҳои иқтисод, баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, инкишоф додани манбаъҳои алтернативии энергия ва коҳиши истеъмоли навъҳои кандании сӯзишворист.

Ҳукумат қарорҳои дахлдори Конференсияи Тарафҳои Конвенсияи Меъёриро ба асос гирифта, дар ин стратегия вазифаҳои асосии зеринро муайян намудааст:

- афзоиши самарбахшии истифодабарии энергия дар бахшҳои дахлдори иқтисоди миллӣ;
- дар соҳаҳои хоҷагии халқ истифода бурдани хатҳо ва манбаъҳои энергияи пурсамари мусоидаткунанда ба суръати баланди рушди иқтисодӣ ва коҳиши партобҳои газҳои парникӣ;
- ҳифз ва боло бурдани сифати ҷазбкунандаҳо ва ҷамъкунандаҳои газҳои парникӣ;
- мусоидат ба усулҳои маъқули ҷангалпарварӣ, дарахтзоркунӣ ва ҷангалбарқароркунӣ бар пояи устувор;
- ҳавасмандии аз шаклҳои самараноки идора кардани хоҷагии қишлоқ дар заминаи ҳаллу фасли масъалаи тағйирёбии иқлим;
- гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ ва мусоидат ба ҷорӣ, коркард ва истифодаи васеътари манбаъҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия ва технологияи навини аз дидгоҳи бехатари экологӣ ;
- ҳавасмандӣ аз ислоҳоти муносиб дар бахшҳои дахлдор бо мақсади кӯмак ба амалисозии сиёсат ва тадбирҳои маҳдудкунанда ё коҳишдиҳандаи партобҳои газҳои парникӣ.

## 8.2. АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСӢ ВА ДОИРАИ АМАЛИЁТ

Интихоби тадбирҳо барои маҳдудсозию коҳиши пароканиши ГП барои бахшҳои алоҳида бар асоси арзёбии коршиносон, ниёзмандиҳои вазорату идораҳои кишвар ва таҳқиқоти илмии байналмилалии муосир сурат гирифт.

Барои пурра ба ҳисоб гирифтани тамоми омилҳои таъсиркунанда барномаҳои миллию соҳавӣ, нақшаҳо ва стратегияҳои ҳифозати муҳити зист ва инкишофи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат таҳлил карда шуданд.

Самтҳои асосии чорабиниҳои ин стратегия ва аҳамияту афзалияти онҳо дар як силсила мулоқотҳои кории коршиносон ва семинарҳои миллӣ муҳокима гардид.

Талаботи сиёсати давлат ва тадбирҳову иқдомоти мушаххас ҷиҳати маҳдудсозӣ ва коҳиши партобҳои газҳои парникӣ, ки имкон медиҳад бо хароҷоти камтар дар мавриди маҳдудсозии пароканиш бештарин натиҷа ба даст ояд, корҳои зеринро шомил мегардад:

- истифодаи фишангҳои танзими иқтисодӣ;
- тақвияти институтсионалии сохторҳое, ки масъули татбиқи тадбирҳои ҳифзи табиат ҳастанд;
- амалисозии тадбирҳои техникӣ бо мақсади коҳиши энергияталабии маҳсулот, афзоиши самаранокии энергетикии истеҳсолот, сарфакорӣ дар энергия ва ғайра.

Тадбирҳои таҳияшуда ба мақомҳои кишварӣ, ноҳиявӣ, маҳаллӣ ва ҳамчунин соҳавӣ, институтсионалӣ, иҷтимоӣ ва инфиродӣ нигаронда шудаанд.

## 8.3. ТАДБИРҲО ДАР СОҲАИ САМАРАНОКИИ ЭНЕРГЕТИКӢ, САРФАКУНИИ ЭНЕРГИЯ ВА МАҲДУДСОЗИИ ПАРТОБҲОИ ГАЗҲОИ ПАРНИКӢ ДАР БАХШИ ИСТЕҲСОЛ ВА ИСТЕЪМОЛИ ЗАХИРАҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Таҳлили барӯйхатгирии пароканиши ГП дар бахши истеҳсол ва истеъмоли энергия нишон дод, ки пароканиши ГП дар Тоҷикистон аксаран дар натиҷаи истеъмоли сӯзишвории маъданӣ, яъне сӯхти сӯзишворӣ дар бахшҳои нақлиёт, энергетикаи ҳароратӣ, манзилию коммуналӣ ва саноат ба вуқуъ меояд.

Бинобар ин, таҳияи тадбирҳо барои маҳдудсозии партобҳои ГП дар ин бахшро пеш аз ҳама бояд дар боби истеъмоли сӯзишворӣ баррасӣ намуд. Тадбирҳои асосӣ дар ин маврид иборатанд аз:

- танзими давлатии масъалаҳои истифодаи оқилонаи сузишворию энергия дар тамоми соҳаҳо ва сатҳҳои истеҳсол ва истеъмол;
- эҷоди заминаҳои нави меъёрию ҳуқуқӣ ва такмили меъёрию ҳуқуқии мавҷуд ва ҳамчунин сохторҳои дахлдори идора, таълим ва назорат имкон хоҳад дод, ки дар оянда фишангҳои коҳиши эмиссияи ГП то камтарин ҳадди мумкин бо тамоми қувват ба кор дароварда шавад. Зимнан, таъмини назорати инструменталии партобҳои газҳои парникӣ ва истеъмоли энергияи электрикӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисод ва хоҷагии манзилию коммуналӣ дорои аҳамияти хос аст;

таҳия ва татбиқи барномаҳои беҳсозии сарфакории энергия дар корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагии ҷангал бо истифода аз технологияҳои нави энергияи кам талабкунанда ва сарфакунандаи захираҳо ва баҳрабардорӣ аз захираҳои сонавии сӯзишворӣ барои истеъмоли худӣ.

Ҳукумат бар асоси ҳамин принсипҳо самтҳои зерини муҳимтаринро дар бобати сарфакории энергия ва коҳиши эмиссияи ГП дар бахшҳои асосии зерин муайян кардааст.

Истихроҷ, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли сӯзишвории маъданӣ:

такмили системаи вентилятсияи конҳои ангишти зеризаминӣ ва истифодабарии гази ҳамроҳ (метан);

бозсозии техникии анборҳои маҳсулоти нафтӣ;

модернсозии хоҷагиҳои намуна;

коҳиши хуруҷи газ аз шоҳлӯлаҳои газ;

истифодабарии фишори зиёдатии шоҳлӯлаи газ;

иваз кардани таҷҳизоти кӯҳнашудаи газтақсимкунӣ;

коҳиш додани хатару вайронии қубуркашии газ;

боло бурдани натиҷабахшии поксозии гази табиӣ аз махлутҳои сулфурдор ва хушконидани он.

Энергетика:

таҷдид ва такмили шабакаҳои барқ, истгоҳҳои фаръии барқ, трансформаторҳо ва кабелҳо, ки иқтидори коҳиши талафшавии барқро ба андозаи 30-40% дорост;

такмили системаҳои ҳароратӣ ва изолятсияи ҳароратии биноҳо, ки имкони 25-30% сарфакунии барқро медиҳад;

ҷорӣ кардани системаи мустақими гармирасонӣ ва гармобрасонӣ ба тарзи пушида;

таъмири агрегатҳои нерӯгоҳҳои барқи обии калону хурди амалкунанда;

сохтани нерӯгоҳҳои барқи обии (НБО) бисёр хурд ва хурд, алалхусус дар минтақаҳои алоҳидаи баландкӯҳ, ки барқ надоранд ё барқи кам доранд, ин кор истифодаи ангишту ҳезумро хеле кам карда, боиси инкишофи иҷтимоӣ мегардад.

Мутобиқи арзёбии коршиносон, сохтмони неругоҳҳои барқи обии калони банақшагирифташуда: НБО Роғун, НБО Сангтӯда, шабакаҳои гидротехникӣ дар дарёҳои Зарафшону Кофарниҳон бо инкишоф додани инфраструктураи муносиб иқтидори калонтарини маҳдудсозии пароканиши дуоксиди карбонро дар бахши энергетикӣ, ки дар дурнамои миёнамӯҳлат соле ба 6-9 млн. тонна $CO_2$ мерасад, дорост. Зимнан хароҷоти хоси маҳдудсозии пароканишҳо яке аз камтаринҳост. Афзоиши шумораи нерӯгоҳҳои барқи обии калон самти афзалиятноки инкишофи энергетика дар Тоҷикистон ба шумор меравад.

Вале, таъсири манфии сохтмон ва истифодаи обанброҳои калон ба вазъи эклогии минтақаҳои атроф (боло амадани сатҳи оби зеризаминӣ, шӯра бастани замин, талафшавии гуногунии биологӣ, хатари зиёди сейсмикӣ) боиси эътирози як теъдод донишмандон ва аҳли ҷомеа мегардад.

Бинобар ин, дар баробари ҳаллу фасли масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои калони барқи обӣ бояд тадбирҳои самарбахши ҳамчунон муҳиме барои маҳдудсозӣ ва коҳиши партобҳои газҳои парникӣ ва афзоиши самаранокии энергетикӣ татбиқ гарданд.

Нақлиёт:

сохтани роҳҳову хатҳои иртиботии нав ва яксонсозии роҳҳову иртибототи мавҷуда аз ҷумла нақбзанӣ дар зери ағбаҳо, ки имкон медиҳад роҳҳои автомобилгард кӯтоҳ ва сифати онҳо беҳтар гардад ва сарфи сӯзишвории нақлиёти автомобилӣ 25-30% кам шавад;

ҷорӣ кардани технология оид ба беҳтарсозии сифати сӯзишворӣ бо мақсади коҳиши пароканишҳои зарарнок ба атмосфера;

ҳавасмандӣ оид ба истифодабарии нақлиёти автомобилии дорои муҳаррики дарунсӯзи бензинии бо сарфа ва муҳаррикҳои дизелӣ;

гузаронидани нақлиёти автомобилӣ ба намудҳои дигари сӯзишворӣ аз ҷумла гази моеъ;

электрӣ кардани роҳи оҳан ва инкишофи нақлиёти электрикии шаҳр;

инкишофи намудҳои алтернативии нақлиёт;

мувофиқсозии нақшаҳои интиқолот барои мусофирон;

назорати ҳаҷм ва консентратсияи газпарокании нақлиёти автомабилӣ, корбурди васеътари василаҳои мавҷудаи меъёрӣ кардани ин пароканишҳо то ҳадди 120-150 г $CO_2$/км;

назорати ҳаҷм ва консентратсияи газпарокании нақлиёти автомобилӣ;

васеъ кардани истифодаи воситаҳои амалкунандаи меъёрӣ кардани газпарокании нақлиёт.

Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) ва бахши тиҷорат:

муносибати нав дар банақшагирӣ, дизайн ва сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва тиҷоратӣ бо истифода аз масолеҳу маводи дорои технологияи баланди девор, бом, тиреза ва пӯшиши байни ошёнаҳо;

гузаштан ба таҷҳизоти замонавии рӯшноидиҳанда, аз ҷумла лампаҳои моҳтобӣ (люминессентӣ), лампаҳои галогении инфрасурх, системаи автоматикунонии равшансозии шаҳр ва ғайра;

беҳтар кардани самаранокии системаҳои гармкунӣ, салқинкунӣ ва нигоҳдории микроиқлими биноҳои истиқоматӣ ва иншоотҳо;

насби системаҳои назорати сарфшавии газу сӯзишвориҳои дигар ва таҳияи моеъҳои навини истеъмолӣ.

## 8.4. ИҚТИДОРИ ИСТИФОДАИ МАНБАЪҲОИ АЛТЕРНАТИВИИ (БАРҚАРОРШАВАНДАИ) ЭНЕРГИЯ

Дар Тоҷикистон имконоти зиёди иқтидорҳо барои истифодаи манбаъҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия: офтоб, бод, биогаз, энергияи обӣ ва қисман обҳои гарм вуҷуд дорад.

Дар Тоҷикистон қисми бештари аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад ва таъмини муносиби энергияи аз ҷиҳати экологӣ холис асоси рушди устувори

минтақаҳои деҳотиву кӯҳистонӣ ба шумор рафта, истифодаи оқилонаи захираҳои табииро таъмин менамояд.

Истифодаи маъмӯлии манбаҳои барқароршавандаи энергия дар оянда имкон хоҳад дод, ки бисёр масъалаҳои марбут ба барқрасонӣ ва ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла масъалаи коҳиши пароканиши газҳои парникӣ дар атмосфера бо муваффақият ҳал гардад.

Энергияи Офтоб. Тоҷикистон бинобар шароити табиию иқлимии худ барои истифодаи васеъи энергетикаи офтобӣ яке аз муносибтарин минтақаҳо ба шумор меравад. Муддати тобиши офтоб солона 280-330 рӯз буда, зичии радиатсияи офтобӣ то 1 кВт/м$^2$ ва бештар аз он мерасад.

Воридшавии радиатсияи офтобӣ ба сатҳи уфуқӣ дар ҳавои софу беғубор дар соатҳои нимарӯзи қисматҳои ҳамвори хоки кишвар 0,33-0,81 кВт/м$^2$ ва дар минтақаҳои кӯҳистонӣ 0,46-1,02 кВт/м$^2$ ро ташкил медиҳад. Мавҷудияти абр воридшавии радиатсияи мустақимро ба андозаи 32-35% аз ҳадди барои ҳамвориҳо имконпазир ва 50% барои бахшҳои кӯҳистонӣ кам мекунад.

Радиатсияи маҷмӯъӣ аз тариқи воридшавии умумии радиатсияи мустақим ва пароканда бар сатҳи уфуқӣ муайян мегардад. Дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон радиатсияи маҷмуъӣ дар моҳҳои май-июл ба ниҳояти шиддати худ мерасад. Шиддати радиатсияи маҷмӯъӣ дар мавриди минтақаҳои доманакӯҳ аз 280 то 925 МҶ/м$^2$ тағйир мекунад, дар минтақаҳои баландкӯҳи он аз 360 то 1120 МҶ/м$^2$ тағйир меёбад.

Табдили радиатсияи офтобӣ ба энергияи барқӣ бо кӯмаки фотоэлементҳои нимноқил ба вуқӯъ меояд. Дар ҳоли ҳозир арзиши дастгоҳҳои фотоэлектрикӣ нисбатан зиёд - 5 ҳазор US$/кВт.с. аст. Харҷи истеҳсоли энергияи барқӣ 0,2 US$ - 0,4 US$ барои 1 кВт.с. аст. Дар шароити лабораторӣ самаранокии табдили энергияи манбаҳои фотоэлектрикӣ 19-24%-ро ташкил медиҳад, дар сурате, ки ҳамин нишондиҳандаи модулҳои тиҷоратӣ ҳамагӣ 12-17% аст.

Ҳоло Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истифодаи энергияи офтобӣ таҳқиқоти махсусе анҷом дода, намунаҳои озмоишии дастгоҳҳои нургирро тайёр мекунад. Ҳисобу китоб нишон дод, ки дар шароити Тоҷикистон 1 м$^2$-и дастгоҳи нургир $CO_2$ ро метавонад соле 0,30-0,35 тонна кам кунад.

Вале иқтидори азими энергияи офтобӣ дар Тоҷикистон феълан, метавон гуфт, ки дастнахурда боқӣ мондааст ва ин дар ҳолест, ки мувофиқи арзёбии Пажӯҳишгоҳи физикаву техникаи АИ ҶТ Тоҷикистон метавонад аз ҳисоби энергияи офтоб эҳтиёҷоти энергетикии худро то 10-20% таъмин намояд.

Энергияи бод. Дар Тоҷикистон, тибқи арзёбиҳои гуногун, иқтидори энергетикаи бодӣ солона 30-100 млрд. кВт.с.-ро ташкил дода, бо иқтидори гидроэнергетикии кишвар, ки аз нуктаи назари техникӣ қобили истифода мебошад, метавонад муқоиса шавад.

Суръати миёнаи солонаи бод дар ҳудуди хеле васеъ аз 0,8 то 6,0 м/с тағйир меёбад. Тағйири солонаи суръати бод ба хусусиятҳои гардиши ҳаво вобаста аст. Аз тарафи дигар, вазъи орографӣ, ки дар тақсими самти бод нақш дорад, ба суръати он низ таъсири калон мерасонад. Маъмулитарин навъи боди маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳамоно боди кӯҳу водӣ мебошад, ки дар натиҷаи пасту

баландшавии зиёди ҳарорати ҳаво дар қисматҳои ҷудогонаи водӣ ё фурӯхамидагиҳову нишебиҳо ба вуҷуд меояд.

Сахттарин бодҳо дар минтақаҳои баландкӯҳи дорои шакли релйефи кушода (пиряхи Федченко, ағбаи Анзоб ва ғ.) ва дар мавзеъҳое мушоҳида мешавад, ки омилҳои орографӣ дар он ҷо ба афзоиши градиентҳои фишор мусоидат карда, боиси бархӯрди ҷараёнҳои ҳаво мегарданд (Хуҷанд, Файзобод). Суръати миёнаи солонаи бод дар ин минтақаҳо 5-6 м/сония ва дар ҳамвориҳои кушода ва водиҳои фарох андаке камтар буда, 3-4 м/сонияро ташкил медиҳад, дар доманакӯҳҳо то 3, дар фурӯхамидагиҳои маҳдуд ва минтақаҳои ҳамвори ҷанубӣ то 1-2 м/сония аст.

Дар давоми сол, маъмулан, суръати бештари бод дар баҳор ё зимистон ҳангоми шиддат ёфтани фаъолияти сиклонӣ ва камтарин суръат - дар тобистону тирамоҳ қайд шудааст. Дар водиҳо ва фурухамидагиҳо ба таври миёна соле 5-15 рӯз боди сахт мушоҳида мешавад (Истравшан, Душанбе, Искандаркӯл). Дар ноҳияҳои ҷудогона шумораи рузҳои дорои боди сахт ба 40-60 мерасад (Хуҷанд, ағбаҳои Шаҳристону Анзоб, пиряхи Федченко ва ғайра).

Истифодаи энергияи бод дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки суръати бод дар он ҷо хеле зиёд аст (бештар аз 5-6 м/сония дар баландии 10 метр аз сатҳи замин Хуҷанд, Қайроқум, Файзобод, ағбаҳои Хобуработ, Шаҳристон, Анзоб ва мавзеъҳои дигар), ояндаи хуб дошта ва дастгоҳҳои энергетикаи бодӣ (ДЭБ) мумкин аст барои истеҳсоли энергияи барқ, оббарорӣ, ғаллакӯбӣ ва ғайра ба кор бурда шаванд. Маъмулан турбинаҳои ДЭБ 250-750 кВт қудрат доранд. Арзиши истеҳсоли энергияи барқ дар ДЭБ бевосита ба суръати миёнаи солонаи бод ва шароити маҳал вобаста буда, байни 0,03 US$ (10 м/сония) 0,12 US$ (5 м/сония) барои 1 кВт.с. аст.

Арзёбии техникию иқтисодии хароҷоти ДЭБ рақами 1000-1500 US$ барои 1 кВт-и иқтидори лоиҳавиро медиҳад. Дар шароити корбурди васеъ доштани гидроэнергия истифода бурдани энергияи бод фақат дар минтақаҳои ҷудогона ба сурати манбаи мустақил ё иловагии энергияи камқудрат метавонад қобили қабул бошад.

Бояд дар назар дошт, ки энергетикаи бодӣ дар соҳаи саноат метавонад заминҳои хеле калонро ишғол намояд, бинабарин лозим аст, ки тамоми ҷанбаҳои вобаста ба ин масъала ҳамаҷониба омӯхта шавад.

Энергияи биогаз. Партовҳову пасмондаҳои кишоварзӣ ва ҷангалро метавон барои ба даст овардани энергия бомуваффақият истифода намуд. Дар шароити муҷтаъмаҳои калони чорводорию мурғпарварӣ, ки теъдодашон дар Тоҷикистон 20 воҳид буда шумораи ҳайвонот дар онҳо аз 400 то 800 сар мерасад, ба ғайр аз гирифтани энергияи электрикӣ ва ҳароратӣ аз биогаз ниёзмандии шадид ба истифодаи босамари партовҳо, ки яке аз тадбирҳои муҳим барои коҳиши пароканиши метан ба шумор меравад, вуҷуд дорад.

Аз ҳамаи тариқаҳои маълуми ба даст овардани биосӯхт (биотопливо) дар шароити Тоҷикистон, тарзи ба даст овардани биогаз (омехтаи $CH_4$ ва $CO_2$) бо роҳи туршшавии анаэробии пасмондаҳои моеи чорводорӣ, беҳтар мебошад. Энергияе, ки аз сӯхтани газ ҳосил мешавад, метавонад ба ҳадди 60 то 90% энергияи аввалия, ки моддаи истифодашаванда дар худ дорад, расад. Дар шароити оддӣ аз 1 кг моддаи хушк 0,2 - 0,4 $м^3$ газ ҳосил мешавад. Дар як шабонарӯз истеҳсоли энергияи ҳароратӣ 300 Вт тавассути генератори биогаз имконпазир аст. Арзиши чунин дастгоҳ аз 300 то 600 доллари амрикоист.

Ба таври илова, ин имкони иқтидорӣ низ вуҷуд дорад, ки энергия ба тариқи конверсияи термохимиявии биомасса бо истифода аз ғӯзапояи пахта, ки зироати асосии кишоварзии Тоҷикистон мебошад, ҳосил гардад.

Захираҳои об. Захираҳои иқтидорҳои оби Тоҷикистон дар ҳудуди 527 млрд. кВт.с. дар сол арзёбӣ мешавад. Ҳоло фақат 5% ин иқтидорҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Бештар аз 95% аз маҷмӯъи энергияи электрикӣ (тақрибан 15 млрд. кВт.с. дар сол) дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мегардад. Фарогирии нисбии захираҳои гидроэнергетикӣ 3682,7 кВт.с. дар 1 $км^2$ хоки кишварро ташкил мекунад. Ин захираҳо, асосан, дар дарёҳои калони Вахш, Панҷ, Обихингов ва ғайра, ки дар маҷрои амиқи сангу шӯх ҷараён ёфта, имкони сохтани шабакаҳои барқи обии пурсамарро медиҳанд, ҷамъ омадаанд.

Барои Тоҷикистон, аз назари ҳалли масъалаи тағйирёбии иқлим, микрогидроэнергетика, ки барои рушди он амалан дар тамоми минтақаҳои кӯҳистонии ҷумҳурӣ имконият вуҷуд дорад, дорои аҳамияти бештар аст.

Аз рӯи ҳисобу китобҳо, ба кор андохтани фақат 10% иқтидори гидроэнергетикии дарёҳои хурд дар минтақаҳои миёнакӯҳ ва баландкӯҳ электрофикатсияи то 70% нуқтаҳои хурди аҳолинишин ва муассисаҳову иншооти кишоварзиро, ки ҳоло бо камбуди ҷиддии барқ рӯбарӯ ҳастанд, мумкин мегардонад. Таҳлилҳои иқтисодӣ судмандии истифода аз нерӯгоҳҳои барқи обии хурду хурдтарро дар минтақаҳои ҷудогона тасдиқ намудааст.

Дар фасли зимистон нерӯгоҳи барқи оби (НБО) ба қудрати тамом кор намекунад, ки сабаби он яке сарфаҷуии об ва дигаре ҳолати зимистонии ях дар минтақаҳои бисёр сард аст. Дар ин давра шабакаи энергетикии кишвар ба фишору душворӣ дучор мешавад. Нерӯгоҳҳои калони барқи обӣ ва ҳароратӣ барои баркрасонии шаҳрҳо ва корхонаҳои саноатӣ дар назар гирифта шудаанд.

Дар деҳоти Тоҷикистон истеъмоли солонаи барқ бар ҳар сари аҳолӣ 198 кВт.с.-ро ташкил медиҳад, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои Осиёи Марказӣ (ОМ) қариб 300 кВт.с. аст. Тақрибан 80% барқи истеъмолӣ дар минтақаҳои кӯҳистон барои равшан кардани биноҳо ба кор меравад ва дар баъзе ҷойҳо аз қабили Камаров, қисмати болои дараи Ромит, кӯҳистони Мастчоҳ ва ғайра аҳолӣ амалан ба энергияи барқ дастрасӣ надорад. Барои аҳолии ин ноҳияҳо манбаи асосии энергия чӯбу ҳезум, ангишт ва қисман маҳсулоти нафтист.

Ҳоло инкишофи гидроэнергетикаи хурд омили муҳими беҳсозии шароити зиндагии иҷтимоию иқтисодии сокинони минтақаҳои кӯҳистонӣ ба ҳисоб рафта, барои пешгирӣ кардани буридани ҷангалҳои кӯҳистон ва солимсозии экологии минтақа мусоидат мекунад. Дар Тоҷикистон 20 нерӯгоҳи хурди барқи обӣ кор мекунад.

Дар Помир барои сохтани НБО хурд дар қисматҳои миёнакӯҳ ва баландкӯҳ ноҳияҳои Қалаи-Хумб, Ванҷ ва Рушон беҳтарин минтақаҳо ҳастанд. Дар ин ҷо бунёди 20 НБО ба иқтидори умумии болотар аз 18 ҳазор кВт. имконпазир аст.

Захираҳои бои энергетикии ҳавзаи дарёи Зарафшон ба андозаи кофӣ истифода намешавад, ки сабаби асосии он камтар таҳқиқ шудани нақшаи онҳост. Дар минтақаи Рашт бунёд намудани беш аз 100 НБО хурд имкон дорад.

Бартарии НБО хурд нисбат ба калон маълум буда ва иборат аст аз хароҷоти беандоза ками молию моддии сохтмони онҳо, хатари ками экологӣ, наздик будан ба истеъмолкунанда, ки дар шароити Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Хароҷоти хоси сохтмони НБО хурд байни 800-1500 US$ барои 1 кВт иқтидор аст. Дар мавриди микро-НБО ба иқтидори 5кВт хароҷоти истеҳсоли барқ 0,04 US$ барои 1 кВт.с. арзёбӣ мегардад. Микро-НБО метавонад дар тӯли 3-5 сол хароҷоти худро пӯшонад.

Дар асоси мавридҳои зикршуда, барои инкишофи манбаъҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия дар хоҷагии халқ ва ҳаёти маишии аҳолии Тоҷикистон тадбирҳои зерин ба назар гирифта шавад:

- таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи инкишофи манбаъҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия ва мусоидат намудан ба электрофикатсияи минтақаҳои кӯҳистонии дурдаст;
- мониторинг, минтақабандӣ ва арзёбии иқтидори истифодабарии манбаъҳои алтернативии(барқароршавандаи) энергия;
- ба вуҷуд овардани манбаи маълумот ва рушди дастрасии бештар ба манбаи байналмилалии маълумот дар бораи дастгоҳҳои энергетикаи алтернативӣ, интихоб, озмоиш ва корбасти дастгоҳҳои дар шароити Тоҷикистон бо самар коркунанда (мини ва микро-НБО, табдилкунандаҳои фотоэлектрикии бодӣ ва биогазӣ);
- эҷоди заминаҳои истеҳсолӣ ва илмию таҳқиқотии нав барои таҳқиқ, ихтироъ ва муайян намудани самарабахшии дастгоҳҳои энергетикаи алтернативӣ:
- такмили механизмҳои қонунию меъёрии мусоидаткунанда ба инкишофи энергетикаи алтернативӣ (барқароршаванда) аз ҷумла сарфакунии энергия, додани имтиёз ба истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони воситаҳои энергатикаи алтернативӣ ва ғайра;
- таълим ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи энергетикаи алтернативӣ, мубодилаи таҷриба бо кишварҳои рушдёфта;
- боло бурдани сатҳи огоҳии аҳли ҷамъият дар бораи масъалаҳои истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия ва бартарии онҳо дар муқоиса бо манбаъҳои анъанавӣ.

## 8.5. ТАДБИРҲО ОИД БА САРФАКОРИИ ЭНЕРГИЯ ВА МАҲДУДСОЗИИ ПАРТОБҲОИ ГАЗҲОИ ПАРНИКӢ ДАР САНОАТ

Маҳдудсозӣ ва коҳиши партоби ГП, ки дар натиҷаи ҷараёнҳои саноатӣ рӯй медиҳад, аз тариқи навсозии технологияҳои кӯҳнаи технологӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои имрӯзаи самараноки энергетикии дорои нишондиҳандаи партобҳои пасти газҳои парникӣ ва газҳои зарарноки дигар, метавонад анҷом гирад.

Газҳои парникии асосӣ дар ин бахш иборатанд аз $CO_2$ ва перфторидҳои карбон, ба ғайр аз инҳо ба атмосфера CO, $NO_X$, $SO_2$ ва ғайра дохил мешаванд. Саноат барои 20-30% ҳамаи пароканишҳои зараровар масъулият дорад.

Дар Заводи алюминсозии Тоҷикистон ҳамаи дастгоҳҳои технологие, ки ба атмосфера газҳои зарарнок истихроҷ мекунанд, бо системаҳои поксозии гарду газ муҷаҳазанд. Пайвастагиҳои фтордори ҷазбшуданӣ ба коргоҳи истеҳсоли намакҳои фтордор дохил шуда, баъдан пас аз регенератсия ба коргоҳи электролиз бармегарданд. Дараҷаи поксозии пароканишҳои зарарнок 80-90%-ро ташкил медиҳад.

Дар мавриди масъалаи тағйирёбии иқлим корхонаи алюминсозии Тоҷикистон нақши манбаи асосию собити таъсиррасониро дорад. Дар ҷараёни гудозиши алюминий перфторидҳои карбон ($CF_2$ ва $C_2F_6$) ба миқдори 1,2-1,4 кг дар 1 тоннаи алюмини истеҳсолшуда ба вуҷуд меояд.

Партобҳои перфторидҳои карбон дорои иқтидори зиёди гармшавии глобалӣ мебошанд. Гази $CF_4$ ба гармшавии глобалии бештар аз 6,5 ҳазор баробар дар муқоиса бо $CO_2$, ки гази асосии парникии антропогенӣ мебошад, таъсир мерасонад. Аз ҷиҳати пароканиши умумии $CO_2$ - эквивалент истеҳсоли алюминий бар нақлиёт, саноати химия ва бахшҳои дигар афзалият дорад. Бинобар ин камшавии партобҳои истеҳсоли алюминий ва афзоиши самаранокии энергия барои ҳалли масъалаи тағйирёбии иқлим аҳамият дорад. Дар оянда зарур аст, ки дастгоҳҳои газтозакунии коргоҳи электролизи анодҳо таҷдид ва технологияи он компютерӣ шавад.

Дар корхонаи «Тоҷиксемент» таҷдиди коргоҳи асосӣ ба гузаштани он ба тариқаи хушккорӣ, табдили филтрҳои чангкаш ва таҷҳизоти газтозакунӣ лозим аст. Дар вазъияти ҳозира истеҳсоли семент ва ҳамчунин бо таваҷҷӯҳ ба имконоти истироҳатии ноҳияи Варзоб, ки бо корхона ҳамшафатӣ дорад, кори дуруст он аст, ки корхона аз рӯи технологияи пешин таҷдид нашавад, балки дар он модернсозии комили технологияи нав сурат гирад. Ин кор истеъмоли энергияро хеле коҳиш дода, сарфи об ва партоби зарраҳои сахтинаро камтар мекунад. Илова бар ин барои паст кардани фишори экологӣ, мувофиқи мақсад аст, ки қудрати корхона то 400-600 ҳазор тонна дар сол кам карда шавад ва корхонаи нави семент дар ҷануби кишвар ба қудрати истеҳсоли солонаи 400-600 ҳазор тонн бо назардошти самту шиддати бод сохта шавад.

Дар Корхонаи ширкати саҳомии «Азот» (Корхонаи нуриҳои азотии Вахш) хатми сохтмони иншооти биологии софкорӣ зарур аст. Зеро ин кор партоби газҳои парникӣ аз обҳои ифлоси саноатиро кам мекунад ва мушкили обҳои ифлоси шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Сарбандро ҳал менамояд. Дар оянда иваз кардани системаи поксозии мису аммиакии гази истеҳсолшуда ба системаи комилтаре, ки пароканиши камтари газҳои CO ва $CO_2$- ро кам ва хориҷшавии мисро мустасно сохта, нерӯи баркро сарфа мекунад, зарурат дорад.

<u>Тадбирҳои сарфакории энергия дар саноат иборатанд аз:</u>

истифодаи моторҳои электрикии пурсамар, механизмҳову хатҳои электрикӣ дар тамоми соҳаҳо;

такмили системаҳои хушккунанда дар саноати бофандагӣ;

такмили кураҳо барои гудохтан ва дуборагудозии металлҳои сиёҳ ва корбасти технологияи нави истеҳсоли металл, карбонрасонӣ, дамидани оксиген дар кӯраҳои барқ ва ғайра;

истифодаи ҳарорати ҳосила аз истеҳсоли клинкер барои эҳтиёҷоти технологӣ ва ниёзҳои дигари саноати семент.

Тадбирҳои асосӣ барои маҳдудсозии пароканиши $CO_2$ иборатанд аз:

модернсозии парки мошинҳои технологӣ ва таҷҳизоти соҳаи сохтмон;

гузаштан аз технологияи мавҷудаи истеҳсоли семент (ба тариқи тарию рутубат) ба тарзи истеҳсоли хушк, ки дар он сарфаҷуии захираҳои энергетикӣ то 30% имконпазир аст;

таҷдиди дастгоҳҳои газтозакунӣ ва филтрҳои чангкаш дар истеҳсоли семент;

модернсозии дастгоҳҳои газтозакунӣ ва истифодаи девораҳои ҳифозатии электролизерҳо дар истеҳсоли алюминий;

истифодаи (фишурдасозии) $CO_2$ ҳини истеҳсоли нуриҳои минералӣ барои истифодаи минбаъда дар саноати хӯрокворӣ ва истеҳсоли нушобаҳои газдор.

Тадбирҳои асосӣ барои коҳиши партобҳои перфторидҳои карбон дар саноати алюминсозӣ иборатанд аз:

компютерисозии раванди истеҳсоли элоктролизи анодҳои пухта;

таҳқиқот дар соҳаи татбиқи технологияҳои усулан нави истеҳсоли алюминий ба анодҳои ғайрикарбонӣ, ки маҳдудсозии пурраи пароканиши перфторидҳои карбонро таъмин мекунад.Чунин технология дар шароити ҳозираи пажӯҳишҳои илмӣ танҳо то солҳои 2015-2020 метавонад истифода шавад.

## 8.6. ТАДБИРҲО ОИД БА САРФАКОРИИ ЭНЕРГИЯ ВА МАҲДУДСОЗИИ ПАРТОБҲОИ ГАЗҲОИ ПАРНИКӢ ДАР КИШОВАРЗӢ

Пароканиши $CH_4$ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар натиҷаи ферментатсияи дарунии чорво, таҷзияву табоҳии анаэробии пасмондаҳои чорводорӣ ва шоликорӣ дар заминҳои обпаҳншуда ва сӯхтани боқимондаҳои ҳайвонот сурат мегирад.

Донишҳои илмии муосир дар соҳаи генетика ва таҷрибаи селексияи ҳайвоноти кишоварзӣ дар Тоҷикистон барои ба вуҷуд овардани зотҳо, махсуси чорвои калони шохдор бо шиддати камтари ферментатсияи дарунӣ ва пароканиши метан появу асос ба шумор меравад.

Зимни таҳлили технологияҳои нигоҳдорӣ ва истифодаи пору, метавон гуфт, ки имкони маҳдудсозии иқтидори партоби метан дар ин бахш ба андозаи 10-20% дар асоси технологияҳои такмилгардида, аз ҷумла технологияи ҳосил кардани биогаз, вуҷуд дорад.

Дар солҳои охир афзоиши назарраси истеҳсоли биринҷ ва васеъ кардани шолизорҳои ғарқи об, ки манбаи пароканиши метан мебошанд, мушоҳида мегардад. Дар Тоҷикистон ҳангоми кишти аввал ё асосии шолӣ маъмулан навъҳои деррас парвариш мешаванд, вале ҳангоми кишти такрорӣ навъҳои миёнарас ва зудрас парвариш мешавад. Аз нуқтаи назари коҳиши эмиссияи метан парвариши навъҳои зудрас дар кишти асосӣ фоиданок аст. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки ин навъҳои зудрас ҳосилнокиашон камтар аст. Бинобарин дар Тоҷикистон навъҳои биринҷи деррас, ки давраи нашъунамояш 130-145 рӯзро ташкил медиҳад, бисёр ривоҷ ёфтааст.

Барои кам кардани пароканиши метан аз шолизор, лозим аст, ки усули анъанавии шоликорӣ ба тарзи пешқадамтари он, ки кӯчаткунӣ мебошад, табдил шавад. Шароити хоку иқлимии кишвари мо имкони ба кор бурдани ин усули шоликориро медиҳад, тарзи мазкур имкон медиҳад то соле 2 ҳосил бо истифода аз камшавии давраи нашъунамо парвариш шавад ва ин ҳам барои таъмини хурокворӣ дар кишвари камзамини мо ва ҳам барои коҳиши эмиссияи метан ба миқдори 20-30% аҳамияти фаровон дорад.

Пароканиши $N_2O$ аз хокҳои зироатӣ, пошидани нуриҳои органикӣ ва минералии азотдор ба замин сурат мегирад. Талафшавии нитрогени нуриҳо аз хок ба сурати газ ба сабаби нитрификатсия ва баъдан денитрификатсия сабаби асосии камшавии самарабахшии нуриҳои азотӣ ба шумор меравад, зеро миқдори обшустагии нуриҳои азотӣ ба шакли нитратҳо дар давраи нашъунамо маъмулан ночиз аст.

Барои коҳиш додани талафшавии азот ва афзоиши самарабахшии нуриҳои азотӣ пошидани онҳо дар беҳтарин вақт ва меъёри муайян мутобиқ бо нуриҳои дигар ва системаи ратсионалии киштукор, киштгардон ва низоми дурусти обёрӣ аҳамияти хос дорад.

Ба кор бурдани ингибиторҳои нитрификатсия яке аз роҳҳои асосии кам кардани пароканиши оксиди нитроген аз хоки зироатӣ ва хосса аз замини пахта аст. Тарзи дигари коҳиши эмиссияи оксиди нитроген нурипошии наворгуна, маҳдудсозии нуриҳои азотӣ дар хок ва корбурди нуриҳои капсулӣ маҳсуб мегарданд.

<u>Тадбирҳои асосии сарфакории энергия дар кишоварзӣ иборатанд аз:</u>

- ба кор бурдани омилҳои иқтисодии сарфакории энергия ва истифодаи манбаъҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия;
- боло бурдани самаранокии иншооти обёрӣ, кам кардани барқистеъмолкунӣ дар обёрии маишӣ ва техникаи кишоварзӣ.

<u>Тадбирҳои асосӣ барои кам кардани партобҳои ГП дар кишоварзӣ иборатанд аз:</u>

- беҳтар кардани шароити нигоҳубини чорво дар соҳаи чорвопарварӣ, мувофиқсозии анвои хӯрока ва саршумории ҳайвонот;
- истифодабарии биомассаи зироатӣ барои истеҳсоли энергия ва рекуператсияи метан аз партовҳову пасмондаҳои чорводорӣ;
- такмили технологияи шоликорӣ;
- мувофиқсозии тарзи ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ ва такмили усулҳо ва меъёрҳои ба кор бурдани нуриҳои минералӣ ва органикӣ;
- таълим додани истифодаи усулҳо ва технологияи нав ба фермерҳо.

Татбиқи тадбирҳои номбардшуда ба камшавии партобҳои газҳои парникӣ, афзоиши ҳосилнокии маҳсулоти зироатӣ, ҳамзамон бо коҳиши истеъмоли нисбии захираи об, зиёдшавии ҳосилхезии заминҳо бар асоси корбурди технологияҳои муосир дар ҳамаи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ мусоидат хоҳанд кард. Ҳангоми татбиқи тадбирҳои кам кардани партоби ГП дар кишоварзии соле маблағи зиёде сарфа мешавад ва имкон хоҳад дод, ки таъсири антропогенӣ ба муҳити атроф хеле коҳиш ёбад.

## 8.7. АФЗОИШИ ҶАМЪШАВИИ КАРБОН ДАР ҶАНГАЛҲО ВА ХОК

Хоки заминҳои зироатӣ, ки дар онҳо киштукори мунтазам сурат мегирад, ҳамчунин ҷангалзорҳо ва биомассаи дарахтии дигар ҷазбкунандагону ҷамъкунандагони карбон ба шумор мераванд. Деградатсия ва дегумификатсияи хок ва буриши набототи дарахтзорону буттазорон ба талафшавии карбон оварда мерасонад. Мавзунияти ин ҷараёнҳо ба фаъолияти инсон, хоҷагидории дуруст ва аз ҷумла: суръати зуҳури ҷараёнҳои эрозионӣ, ҳаҷми киштукор ва риояи парвариши зироатҳо, ҳолати ҷангалҳо ва миқдори ҳарсолаи дарахтшинонӣ вобаста аст.

Дар солҳои 1990 дар натиҷаи дарахтбурӣ ва коҳиши ҳаҷми ҷангалбарқароркунӣ миқдори ҷамъшавии карбон тавассути ҷангалҳо бештар аз 30% кам гардид ва ин тамоил ҳануз ҳам давом дорад.

Тадбирҳои Ҳукумат барои афзоиши ҷазбу ҷамъшавии $CO_2$ дар бахши тағйирёбии заминистифодабарӣ ва хоҷагии ҷангал мавридҳои зеринро дар бар гирифта, дар оянда мумкин аст ба мақсадҳои зайл равона гардад:

- мубориза бо ҷараёнҳои эрозионӣ, шӯразоршавӣ ва ботлоқшавии заминҳо;
- таъмини аҳолии деҳот бо захираҳои алтернативии энергия, ки метавонад ивазкунандагони истифодаи ҳезум шавад;
- қатъи дарахтбуриҳои ғайриқонунӣ;
- ҷангалбарқароркунӣ ва ҷангалпарварӣ;
- дарахтзоркунӣ барои хифозати замин;
- кабудизоркунии нуқтаҳои маскунӣ ва канораи роҳҳои автомобилгард;
- ҳифозати ҷангал аз амрозу офатҳо ва сӯхтор;
- зичсозии дарахтзорҳои сирак то ҳадди қобили қабул барои афзоиш додани суръати зиёдшавии карбон.

Тадбирҳои мазкур бояд дар заминаи стратегияҳо ва барномаҳои миллии амалкунанда ва таҳияшавандаи рушду тараққӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи табиат амалӣ гарданд. Онҳо ба ғайр аз фоидаи иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ ҷазбу ҷамъшавии $CO_2$-ро низ то сатҳи зарурӣ таъмин мекунанд.

## 8.8.ТАДБИРҲО ОИД БА МАҲДУДСОЗИИ ПАРТОБҲОИ ГАЗҲОИ ПАРНИКӢ ДАР БАХШИ ПАРТОБҲО

Дафнгоҳҳои (партобгоҳҳои) партобҳои сахти маишӣ (ПСМ) дар шаҳрҳо ва иншооти канализатсионию тозакунӣ (ИКТ), ки дар онҳо обҳои ифлоси маишӣ ва обҳои ифлоси маҳсули истеҳсоли металлҳои ранга, нуриҳо ва саноати хурокворию бофандагӣ тоза карда мешавад, манбаи асосии пароканиши метан ба атмосфера ба шумор мераванд. Пароканиши газҳои парникӣ ба шумули $CH_4$, $CO_2$ ва карбогидридҳои ғайриметанӣ дар натиҷаи пӯсиши анаэробии бахши органикии партобҳо рӯй дода, ҳам ба системаи глобалии иқлим ва ҳам ба вазъияти беҳдоштию экологии ин маҳал таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳиссаи ин манбаи пароканиш то 10% аз пароканиши умумии метанро дар Тоҷикистон бо тамоюли андак афзоишёбанда ташкил медиҳад. Бинобарин, чораандешии соф техникӣ барои кам кардани пароканиши $CH_4$ ба сабаби хароҷоти зиёд доштани чунин тадбирҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ мутобиқи мақсад нест.

Барои беҳтар кардани вазъияти экологӣ ва ҳолати беҳдоштии шаҳрҳо ва ҳамчунин маҳдудсозии пароканиши метан аз партобгоҳҳои партобҳои сахти маишӣ (ПСМ) сохтани корхонаҳои коркарди ахлот дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд тавсия мешавад, зеро саҳми ин 2 шаҳр дар ба вуҷуд овардани ПСМ то 40% аст. Ва ин кор имкон медиҳад, ки пароканиши $CH_4$ то соли 2015 ба андозаи 30-40% коҳиш ёбад. Ҳамчунин утилизатсияи лоиқаи таъсирноки иншооти софкунандаи шаҳр як иқдоми муфид ба шумор меравад.

Бештари коршиносон сӯзонидани партобҳоро салоҳ надонистанд, зеро аз як тараф чунин кор бо муқаррароти қонунҳои амалкунандаи Тоҷикистон дар бораи ҳифзи табиат мувофиқат надошта ва мумкин аст вазъияти экологии шаҳрҳоро дар шароити вуҷуд надоштани гурӯҳбандии партобҳо, ҷудо шудани ҷузъҳои заҳрогини онҳо хеле печида созад, ва аз суи дигар як кори аз лиҳози технологӣ камбаҳра аст ва коэффитсиенти амали муфиди умумии система 10-20%-ро ташкил медиҳад.

Тадбирҳои асосӣ ҷиҳати коҳиши пароканиши метан дар бахши партобҳо иборат аст аз:

- утилизатсияи партобҳои сахти маишӣ, ки дар шаҳрҳои калон ба вуҷуд меоянд, ресиркулятсияи металл, пластикаҳо, шиша ва коғаз, ки он низ хароҷоти аввалияи энергетикиро хеле кам мекунад;
- пахш кардани партобҳои дорои моддаҳои органикии зиёд, асосан, дар партобгоҳҳои начандон калон;
- ба даст овардани энергияи электрикӣ ва ҳароратӣ дар асоси биогаз аз лоиқаи бисёр фаъол дар иншооти софкунандаи шаҳр.

## 8.9. ДУРНАМОИ ҚАБУЛИ ПРОТОКОЛИ КИОТО БА КОНВЕНСИЯИ МЕЪЁРИИ СММ ДОИР БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Дар иҷлосияи сеюми Конференсияи Тарафҳои КМ ТИ СММ, ки соли 1997 дар Киото (Япония) барпо шуда буд, Протоколи Киото қабул гардид. Ин санад кишварҳои рушдёфтаро, ки Тарафҳои Протокол мебошанд, вазифадор менамояд, ки то соли 2008-2012 партоби умумии газҳои парникии худро дар муқоиса бо соли 1990 5% кам кунанд.

Барои тарафҳои дохилшуда ба Замимаи «В» Протоколи Киото, ки гурӯҳи кишварҳои рушдёфтаи саноатӣ ва кишварҳои иқтисоди интиқолӣ доштаро муттаҳид месозад, ҷиҳати маҳдуд ё кам кардани пароканишҳову партовҳо ӯҳдадориҳои миқдорӣ дар назар гирифта шудааст ва мувофиқат дар бораи ин ӯҳдадориҳо чи дар дохили ҳамин гурӯҳи кишварҳо ва чи аз тариқи ба даст овардани квотаи пароканиш дар кишварҳои рушдёбанда метавонад ба даст ояд. Барои кишварҳои рушдёбанда, ки Тоҷикистон дар шумори онҳост, ӯҳдадориҳои миқдорӣ дар бораи кам кардани пароканиш пешбинӣ нашудааст. То интиҳои соли 2002 74 давлати ҷаҳон Протоколи Киоторо ба тасвиб расонидаанд.

Дар Протоколи Киото барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои марбут ба КонвенсияиМеъёрӣ се механизми бисёр муҳим таъкид шудааст: (1) амалисозии муштарак, (2) харидуфурӯши партобҳову пароканишҳо ва (3) механизми рушди холис (МРХ).

Тибқи механизми рушди холиси Протоколи Киото, Тарафҳои дохилнашуда ба Замимаи 1, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост, аз манфиатҳои иҷрои фаъолият дар доираи лоиҳаҳое, ки коҳиши ҳуҷҷатшудаи партобҳову пароканишҳоро таъмин мекунад, истифода мекунанд. Кишварҳои рушдёфта барои риоя шудани ӯҳдадориҳои миқдории онҳо кӯмакҳои молияву техникӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо дар Тарафҳои дохилнашуда ба Замимаи 1 КМ ТИ СММ доир ба кам кардани партоби газҳои парникӣ ё беҳтар кардани вазъи ҷазбкунандагони табиии онҳо анҷом медиҳанд. Зимнан фаъолият дар доираи МРХ ба шарте анҷом дода хоҳад шуд, ки иштироккунандагони лоиҳа Тарафҳои Протоколи Киото бошанд.

Тавре, ки дар Нақшаи миллии фаъолият (НМФ) зикр гардидааст, барои Тоҷикистон механизми рушди холис (МРХ) яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини молиявию техникии татбиқи чорабиниҳо барои кам кардани партоби газҳои парникӣ ва беҳтарсозии вазъи ҷазбкунандаҳои табиии карбон маҳсуб мегардад. Ба ҳамин далел қабули Протоколи Киото дар оянда омили асосӣ ва шарти зарурӣ барои иҷрои бомуваффақияти ӯҳдадориҳои ҷумҳурӣ дар доираи Конвенсияи Меъёрӣ ва иштирок дар Механизми рушди холис ба шумор меравад.

Барои анҷом додани фаъолият, аз ҷумла лоиҳаҳои инвеститсионӣ аз тариқи МРХ, анҷом додани корҳои зерин лозим аст:

- ҳамроҳ шудан ба Протоколи Киото - Замимаи Конвенсияи Меъёрии СММ доир ба тағйирёбии иқлим;
- қабул кардани санадҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва қоидаҳои марбут ба пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои далолаткунанда ба коҳиши ҳаҷми пароканишҳо, ба пайравӣ аз қарорҳои дахлдори Конференсияи Тарафҳои КМ ТИ СММ;
- таъсиси асоси институтсионалӣ барои бақайдгирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои вобаста ба коҳиши пароканиши газҳои парникӣ;
- таъмин кардани ҳамкории наздик бо Шӯрои иҷроияи Механизми рушди холис ва мақомоти фаврии иҷрокунандаи сертификатсияи коҳиши пароканишҳо;
- мусоидат ба мубодилаи иттилоот дар сатҳи субъектҳои хусусӣ ва/ё давлатӣ дар бораи масъалаҳои марбут ба ҷалби инвеститсияҳо ва татбиқи лоиҳаҳо аз тариқи МРХ.

## 8.10. АРЗИШИ УМУМИИ ХАРОҶОТ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Хароҷоти умумии амалӣ кардани стратегия тақрибан бидуни лоиҳаҳои бузург 500 млн. доллари ИМА тахмин шудааст. Манбаъҳои иқтидории маблағгузорӣ лоиҳаҳои марбут ба барномаҳои амалиётии Бунёди ҷаҳонии экологӣ (БҶЭ), Механизми рушди холиси Протоколи Киото ва, то андозае, манбаъҳои буҷетии тасдиқшуда ва ғайрибуҷетӣ буда метавонанд.